«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Ҳушвахтзода Қ. Х.
_____
«22» 10 соли 2022

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **«Фазлиддин Муҳаммадиев ва таҳаввули ҳикояи муосири тоҷик (солҳои 60-80-уми асри XX)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Раҳмонов Ҳафиз Азизович соли 1986 факултети филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, аз соли 1994 то соли 1997 ба ҳайси аспиранти шуъбаи рӯзонаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии муассисаи мазкур ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул гардидааст. Айни замон ба ҳайси муаллими калони кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ фаъолият дорад.

Роҳбари илмии Раҳмонов Ҳафиз Азизович доктори илми филология, профессор, узви пайвастаи АМИТ **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои илмии факултети филологияи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин аз 14.03.1995, қарори №5 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Раҳмонов Ҳафиз Азизович 18-уми октябри соли 2022, № 140 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Адабиёти нимаи дуюми асри XX аз марҳалаҳои муҳимми адабиёти давраи нави тоҷик маҳсуб ёфта, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ, доираҳои адабию фарҳангӣ ва шаклу анвои адабӣ таҳаввулот ва дигаргуниҳои чашмрас ба амал омадаанд. Яке аз чунин таҳаввулоти чашмгири адабиёти асри гузашта дар нимаи солҳои 50-ум сурат гирифта, чунин падидаи адабӣ ба номи Фазлиддин Муҳаммадиев ва осори ӯ алоқамандии қавӣ дорад. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи ҳамаҷонибаи чунин дигаргуниҳо яке аз вазифаҳои муҳимми илми адабиётшиносӣ маҳсуб меёбад. Бо назардошти ин матлаб Раҳмонов Ҳафиз ҳикояҳои Фазлиддин Муҳаммадиевро мавриди пажӯҳиши монографӣ ва ҷомеъ қарор дода, зарурати таҳқиқи фарогири ҳикояҳои нависандаро асоснок кардааст. Ба андешаи ӯ, «интихоби мавзуи таҳқиқ, ки шомили баррасиҳои абъоди гуногуни ҳикояҳои ӯ, аз ҷумла вижагиҳои пайрангсозӣ, ривоятпардозӣ ва шахсиятсозӣ дараҷаи мувофиқати ҳикояҳои нависанда ба равиши реализми сотсиалистӣ, дарунмояи онҳо ва ғайра таҳқиқи ҳикояҳои Ф. Муҳаммадиевро ҷамъбаст мекунад».

Муаллифи диссертатсия ба шакли муфассал ба таҳлилу баррасӣ гирифтани ҳикояҳои нависандаро **мақсади аслии таҳқиқ** қарор додааст. Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст: –

- мурур ба зиндагӣ ва ҷараёни рушди шахсияти адабии Фазлиддин Муҳаммадиев;
- таҳқиқи масоил ва мушкилоти назариявии жанри ҳикоя дар нақди адабии тоҷик;
- баррасии ҷойгоҳи ҳикояҳои нависанда дар миёни ҳикояҳои солҳои 50-80-уми асри гузашта;
- муайян сохтани аносири пуркорбурди пайранг ва шеваҳои хоси пайрангсозӣ дар ҳикояҳои Фазлиддин Муҳаммадиев;
- баррасии шеваҳои ривоятпардозӣ дар ҳикояҳои нависанда;
- шинохти тафовутҳои сабкии ҳикояҳои ҳаҷвии нависанда;

– баррасиии ҳикояҳои Фазлиддин Муҳаммадиев дар қаринаи реализми сотсиалистӣ ва муайян сохтани инҳирофоти ӯ дар ин замина;
– таҳқиқи дарунмоя ва муҳтавои ҳикояҳои нависанда ва шинохти мавзуоти умумии эҷодиёти ӯ;
– баррасии шахсият ва равишҳои шахсиятсозӣ дар ҳикояҳои Фазлиддин Муҳаммадиев.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои таҳқиқ** ҷилди аввали “Куллиёт”-и Фазлиддин Муҳаммадиев, ки шомили ҳикояҳои нависанда буда, Муяссара Муҳаммадиева ва Абдухолиқ Набавӣ тартиб додаанд, истифода шудааст.

Ҳамчунин, ҷилдҳои якум ва дуюми «Асарҳои мунтахаб» ва ҷилди сеюми «Куллиёт»-и Фазлиддин Муҳаммадиев ба сифати сарчашмаҳои таҳқиқ истифода шудаанд.

Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқ рабтдошта аз асарҳои илмии адабиётшиносону шарқшиносони ватанию хориҷӣ ва осори пажӯҳишии марбут ба шинохти ҳикоя самаранок истифода намудааст.

Асосҳои назарӣ ва методологии диссертатсияро асарҳои илмию назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили М. Шакурӣ, С. Табаров, А. Набавӣ, Р. Мусулмониён, Х. Асозода, А. Кӯчаров, М. Имомов, М. Мирзоюнус, Ш. Солеҳов М. Бахтин, Б. Успенский, О. Романовская ва дигарон ташкил додааст.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир меёбад, ки диссертатсияи мавриди назар аввалин пажӯҳиши мукаммал ва бонизом дар шинохти мухтассот ва вижагиҳои ҳикояҳои Фазлиддин Муҳаммадиев мебошад. Довталаби дараҷаи илмӣ дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал ҳикояҳои нависандаро бо таваҷҷуҳ ба сабки фардӣ ва равишҳои эҷодии ӯ ба таҳқиқ фаро гирифтааст. Ҳамчунин, дар ин рисола нахустин бор мухтассоти шеваҳои ривоятпардозӣ ва сужасозӣ дар насри муосири тоҷик дар мисоли ҳикояҳои Фазлиддин Муҳаммадиев таҳқиқ шудаанд.

Диссертатсияи номзадии Раҳмонов Ҳафиз Азизович аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои муаллиф ҷанбаҳои назарии омӯзиши насри даврони шуравӣ, осори Фазлиддин Муҳаммадиев ва махсусан ҳикояҳои ӯро пурратар гардонида, дар таъйини арзишҳои ҳунарию адабӣ, зебоишинохтӣ ва дигар вижагиҳои эҷодиёти ӯ метавонад ҳамчун маводи назарӣ хидмат намояд.

Меъёрҳое, ки дар рисола барои шинохти аносири пуркорбурди пайранг, шеваҳои ривоятпардозӣ, тафовутҳои сабкии ҳикояҳои ҳаҷвӣ, вижагиҳои асосии реализми сотсиалистӣ, нуфузи ин равиши адабӣ дар насри тоҷик, шеваҳои шахсиятсозӣ истифода шудаанд, барои маърифати комили на танҳо осори Фазлиддин Муҳаммадиев, балки осори мансури дигар чеҳраҳои адабӣ низ ёрӣ расонида метавонад.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро барои навиштани мақолот ва таълифоту таҳқиқотҳои илмӣ дар пажӯҳиши паҳлуҳои омӯхтанашудаи насри нимаи дувуми асри ХХ, ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба насри адабиёти муосир, махсусан осори Фазлиддин Муҳаммадиев, таҳқиқи равишҳои таълиф ва таъйини арзишҳои ҳунарию адабии осори нависандагони алоҳида метавон мавриди истифода қарор дод.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Раҳмонов Ҳафиз дар 8 мақолаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфта, рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Раҳмонов, Ҳ.А. Роҷеъ ба имконот ва вижагиҳои жанрии ҳикоя / Ҳ.А. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 4/2. – С. 206-209.

[2-М]. Раҳмонов, Ҳ.А. Муаллиф ва қаҳрамон: таъсири эҷодкор ба тафаккури хонанда / Ҳ.А. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 4/1. – С. 162-165.

[3-М]. Раҳмонов, Ҳ.А. Ҳақиқати бадеӣ ва инъикоси он дар наср / Ҳ.А. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 4/3 (203). – С. 160-165.

[4-М]. Рахмонов, Х.А. Проблемы исследования жанра рассказа: истоки, структура и эволюция / Х.А. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2016. – № 4/3 (203). – С. 228-239.

[5-М]. Рахмонов, Х.А. К вопросу о гуманистических ценностях творчества Фазлиддина Мухаммадиева / Х.А. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2016. – № 4/4 (206). – С. 271-274.

[6-М]. Рахмонов, Х.А. Особенности методологических подходов к познанию природы и сущности литературы / Х.А. Рахмонов // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2017. – № 4/5. – С. 196-205.

[7-М]. Раҳмонов, Ҳ.А. Таносуби ҳақиқати адабӣ ва воқеият / Ҳ.А. Раҳмонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 5. – С. 148-158.

[8-М]. Раҳмонов, Ҳ.А. Поэтикаи пайранг ва аносири пуркорбурди он дар насри муосир (дар мисоли ҳикоёти Фазлиддин Муҳаммадиев / Ҳ.А. Раҳмонов // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2022. – № 4. – С. 122-132.

Кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Раҳмонов Ҳафиз Азизовичро дар мавзуи **«Фазлиддин Муҳаммадиев ва таҳаввули ҳикояи муосири тоҷик (солҳои 60-80-уми асри ХХ)»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 –

Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №3 аз 20.10.2022.

Номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи назария ва
адабиёти навини форсии тоҷикӣ Муҳаммадизода Қ.М.

Котиби илмӣ,
номзади илми филология Бобомаллаев И.Ҷ.

Имзоҳои Муҳаммадизода Қ.М. ва
Бобомаллаев И.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.
22 октябри соли 2022